**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, E-mail: faridullo72@mail.ru**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Раванди сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёти ҳар як мамлакат нақши муҳим мебозад ва яке аз омилҳои муҳими низоми иқтисодӣ мебошад, ки рушди имкониятҳои технологӣ ва самаранокии истеҳсолоти моддиро муайян менамояд. Сармоягузорон бо мақсади амалигардонии бозсозии сохторӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ҷалб карда мешаванд. Дар ин маврид дар баробари захираҳои иловагии моддию молиявӣ, инчунин, техникаю технологияҳои пешқадами хориҷӣ, таҷҳизот, таҷрибаи роҳбарӣ ва ғайраҳо ҷалб гардида, ҷойҳои нави корӣ ташкил карда мешаванд. Ҷалби сармоягузорон ба рушди иқтидори содиротии мамлакат, истеҳсолоти ивазкунандаи воридот, баланд бардоштани сатҳи техникию технологии истеҳсолот, сифат ва рақобатпазирии маҳсулот нигаронида шудааст.

Дар автореферат қайд кадрда мешавад, ки масъалаи муҳим барои иқтисодиёт ин раванди самаранок истифода бурдани иқтидори молиявию сармоягузории бонкҳо мебошад, ки дар ҷумҳурӣ хеле ташвишовар ба назар мерасад, зеро таваҷҷуҳи бонкҳо барои амалигардонии лоиҳаҳои калони сармоягузорӣ нсбатан кам мебошад. Гарчанде ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ сол то сол самти афзоишро ба худ касб карда бошад ҳам, раванди пешниҳоди сармоягузориҳои бонкӣ бошад коҳиш ёфта истодаанд. Гузашта аз ин, тақсимоти сармоягузориҳо байни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нобаробар мебошад. Аз ин рӯ, бояд фазои сармоягузорӣ дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ беҳтар карда шавад. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои табиӣ, шароитҳои моддӣ барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд ва бояд сармоягузории дохилӣ ва хориҷиро барои коркарди захираҳои иқтисодӣ ҷалб намоянд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки моҳияти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талобтҳои муқараргардида ҷавобгӯ буда, дар шароити имрӯзаи кишвар яке аз масъалаҳои муҳим арзёби мегардад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, дар автореферати диссертатсия яккатор ҷиҳатҳои манфӣ низ ҷой доранд, аз ҷумла:

1. Дар матни автореферати диссертатсия муаллиф диққати асосиро ба ҳолати муосири иқтидори молиявию сармоягузории бонкҳо бештар равона сохтааст. Хуб мегардид, ки агар муаллиф ба лоиҳаҳои ҷойдошта барои қабули сармоягузориҳои бонкӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамуд.

2. Дар саҳифаи 42 (ҷадвали 2) ҳангоми тарҷумаи автореферат бо забони русӣ нишондиҳандаи қарзҳои таъхирафтода нодурст тарҷума гардидааст. Хуб мешуд, агар тарҷумаи баъзе аз истилоҳоти иқтисодӣ таҷдиди назар карда шавад.

Бо вуҷуди ин, эродҳои гирифташуда наметавонанд таассуроти мусбати автореферaтро кам кунанд.

Ҳамин тавр метавон гуфт, ки автореферати Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба ҳамаи талаботҳои Низомномаи намунавии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ**
**дотсент, мудири кафедраи**
**фаъолияти бонкии ДДТТ** **Ҳалимов Л.М.**

**Имзои Л. М. Ҳалимов-ро тасдиқ менамоям:**
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2.
www: www.tguk.tj
**E-mail:** mail@ddtt.tj; tguk@mail.ru
**Телефон:** +992(37) 234-83-46 +992(37) 234-85-46